Худоё ҳар касе масъулияте бар умматамро бар уҳда гирифт ва бар онон сахтгирӣ намуд, бар ӯ сахтгир бош ва ҳар касе масъулияте бар умматамро ба уҳда гирифт ва бар онон меҳрубонӣ кард, Ту низ бар ӯ меҳрубон ва осонгир бош

Аз Оиша (Худованд аз ӯ рози бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки дар хонаи ман ин суханро гуфт: "Худоё ҳар касе масъулияте бар умматамро бар уҳда гирифт ва бар онон сахтгирӣ намуд, бар ӯ сахтгир бош ва ҳар касе масъулияте бар умматамро ба уҳда гирифт ва бар онон меҳрубонӣ кард, Ту низ бар ӯ меҳрубон ва осонгир бош".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) барои касе ки масъулияте аз умури мусалмононро бар уҳда гирад - кучак бошад ё бузург, масъулияти баланд бошад ё дар сатҳи поин- ва бар онҳо сахтгирӣ кунад ва осонгирию нармӣ накунад, дуо фармуд, ки Аллоҳ ӯро аз ҷинси амалаш подош диҳад, яъне бар ӯ сахтгир бошад. Ва касе бар онҳо меҳрубон ва осонгир бошад, Худованд бар ӯ меҳрубон ва дар корҳояш осонӣ фармояд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5330